# ХУЛОСАИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

Довталаби дараҷаи илмӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ соли 2003 шуъбаи рӯзонаи факултети соҳибкорӣ ва менеҷменти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизматро (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон) аз рӯйи ихтисоси «Системаҳои ахборотӣ дар иқтисодиёт» хатм намуда, соҳиби тахассуси иқтисодчӣ-информатик шудааст.

Пас аз хатми донишкади мазкур дар вазифаҳои устод-коромӯзи кафедраи риёзиёти олӣ ва информатикаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, ассистенти ҳамин кафедра, муҳандис-барномасози компютерҳо, омӯзгори калони кафедраи тархрезӣ ва технологияҳои иттилоотӣ, директори Маркази иттилоотӣ-иртиботӣ, декани факултети соҳибкорӣ ва бизнес, мудири кафедраи низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, директори Коллеҷи омори шаҳри Ваҳдат ва раиси кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Алҳол вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Раҳмонзода З.Ф. соли 2011 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи «Ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳимоя намуда, сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2019, № 4 ба унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт” мушарраф гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2017, протоколи № 3 тасдиқ гардидааст.

Дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун дотсенти кафедраҳои низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи

давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон фаъолият намуда, аз фанҳои информатика, забонҳои барномарезӣ, тарҳрезӣ (амсиласозӣ), технологияҳои информатсионӣ, технологияҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, системаҳои информатсионӣ дар иқтисодиёт, шабакаҳои компютерӣ, графикаи компютерӣ, технологияи чандрасонаӣ, татбиқи барномаҳои амалӣ дар иқтисодиёт ва ғайра ба донишҷӯёну аспирантон лексия хонда, машғулиятҳои амалию лабораторӣ бурдааст.

Дар раванди таҳияи диссертатсия Раҳмонзода Зоир Файзалӣ худро ҳамчун таҳқиқотчии мустақил, ботаҷриба ва фаъол нишон дода, барои омода намудани рисолаи докторӣ аз адабиёти ватанию хориҷии соҳавӣ васеъ истифода намудааст.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 59 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла 12 монография, китобҳои дарсӣ, воситаҳо ва дастурҳои таълимию методӣ, 31 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

Бояд қайд кард, ки сатҳи нокифояи коркарди равишҳои консептуалӣ ва методологии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимии ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ нигаронидашуда, ки ба беҳдошти низоми идоракунии таҳсилоти олии касбӣ метавонанд таъсири мусбат мерасонанд, асосноккунии интихоби мавзуи таҳқиқот, гузориши мақсадҳо ва таҳияи вазифаҳои диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалиро муайян кардаанд.

Мақсади асосии диссертатсияи Раҳмонзода З.Ф. аз такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии ташаккулёбӣ ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи маориф ва пешниҳодоти тавсияҳои мушаххас оид ба асосноккунии самтҳои асосии беҳдошти сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ иборат мебошад ва тавре аз натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд муаллиф ба ин ҳадаф бомуваффақия ноил гардидааст.

Объекти таҳқиқот низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Ба сифати предмети таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бюаромад мекунанд, ки дар раванди ташаккулёбии низоми идоракунии хизматрасониҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва беҳдошти сифати онҳо дар заминаи технологияҳои иттилоотӣ ба миён омадаанд.

Натиҷаҳои илмию амалии диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошанд:

а) Аз рӯйи ихтисоси 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт): 1.2. Назария ва методологияи амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, таҳқиқи имкониятҳо ва татбиқи онҳо: назария ва методологияи ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва системаҳо дар намуди амсилаҳои математикӣ, иттилоотӣ ва компютерӣ; 1.4. Таҳия ва таҳқиқи амсилаҳо ва усулҳои математикии таҳлили равандҳо ва системаҳоимикроиқтисодӣ: соҳаҳои иқтисоди миллӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо, механизмҳои ташаккули талабот ва таклифҳо, бозорҳо, роҳҳои баҳо додани миқдорӣ ба хавфҳои соҳибкорӣ ва асоснок кардани қарорҳои инвеститсионӣ; 1.9. Таҳия ва такмили усулҳо ва амсилаҳои математикӣ ва пешгӯии таҳлили рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҳаёти ҷамъиятӣ: бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, равандҳои демографӣ, сифати зиндагии аҳолӣ ва ғайра; 2.1. Рушди назария, методология ва амалияи озмоиши компютерӣ дар таҳқиқи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва идоракунӣ; 2.5. Таҳияи амсилаи консептуалии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионии муосир бо мақсали баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ дар системаҳои иқтисодӣ; 2.10. Рушди усулҳои афзории таҳлили механизмҳои фаъолияти бозорҳои молӣ ва хизматрасонӣ дар шароити глобализатсияи иқтисоди ҷаҳон ва савдои озод.

б) Аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт): 1.1. Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар сатҳи минтақавӣ ва умумимиллӣ. Нақш ва мавқеи хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт дар иқтисодиёти миллӣ; 1.2. Самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.4. Омилҳои таъсиррасон ба ҷойгиршавӣ ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.5. Механизми идоракунии бозори хизматрасониҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.13. Таъмини сифати хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.14. Идоракунии сифати хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.16. Таҳкими иқтидори иқтисодиву иҷтимоии хизматрасониҳо дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт; 1.16. Таъминоти зеҳнӣ ва кадрии бахши хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва экспериментал, амсиласозӣ,

барномарезӣ, баргузории озмоишҳои компютерӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалию компютерӣ, ки фарогири равишҳои иқтисодии идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар низоми таҳсилоти олии касбианд, метавонанд дар рушди назария ва амалияи илми иқтисодиёт васеъ истифода шаванд.

Хулоса, диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» кори илмию таҳқиқотии мустақилона ва дар мавзуи мубрам иҷрошуда ба ҳисоб рафта, дорои унсурҳои навгонии илмӣ ва аҳамияти илмию амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.00 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт) тавсия мегардад.

Мушовири илмӣ:
Муовини ректор оид ба илм
ва робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
профессори кафедраи иқтисодиёт
ва ташкили соҳибкорӣ
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шаропов Ф.Р.

*Имзои Шаропов Ф.Р.-ро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДТТ Пирзода С.С.

03 марти соли 2023